**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Картошкапарварӣ яке аз соҳаи асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар деҳот ва ноҳияҳо, мавқеи муайянро ишғол менамояд.Пешрафти ояндаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ тавассути ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка ва ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ он дар минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии зич дорад.

Мавзуи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳим буда, ҳамчун объекти таҳқиқотӣ 8 навъи картошкаи селексияи ҷумҳурии Белорусия истифода шудааст.

Барои баҳодиҳии хусусиятҳои агроэкологии навъҳои нави картошка дар шароити кӯҳии водии Рашт таҳқиқот ва мушоҳидаҳо тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985], ва таҳқиқотҳои озмоишӣ, истифода бурдани усулҳои таҳлили омории натиҷаҳои илмии ба истифода гардида, баҳисобгирии самаранокии парвариши иқтисодии навъҳои картошка аз рӯйи методикаи Л.В. Попова [2007], ва муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз қасалиҳо аз рӯйи методикаи М.В. Бордукова [1967], ба роҳ монда шудааст. Аз омӯзиши диссертатсияи мазкур бармеояд, ки муаллиф корро мустақилона иҷро намуда, ба талаботи диссертатсия ҷиддӣ риоя намудааст. Матни диссертатсия ба мундариҷаи он мувофиқат мекунад.

Бо назардошти таҳлили натиҷаҳои дар адабиётҳои соҳавӣ овардашуда Акрамов А.Х. дар назди худ мақсад гузошт, ки дар асоси Баҳодиҳии ҳамаҷонибаи агроэкологӣ, ҷудо кардани навъҳои беҳтарини картошка барои истифодабарӣ дар селексия, ғани гардонидани асортименти навъҳои картошка дар ҷумҳурӣ , таҳқиқотҳои худро амалӣ намояд. Аз ин рӯ, мавзӯе, ки Акрамов А.Х. интихоб намудааст, муҳим ва актуалӣ мебошад.

Диссертатсия дар ҳаҷми 156 саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, 6 боб натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот, 19 расм, 22 диаграмма ва 29 ҷадвал ва замимаҳо иборат мебошад. Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда 170 номгӯй иборат буда, аз он 8 -то адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Аз рӯи натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда унвонҷӯ Акрамов Абдуҳалим Холович 15 мақолаҳо нашр намудааст, ки аз он 6 - тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Ӯ натиҷаҳои кори тақиқотиашро дар маводҳои конференсияву семинарҳои илмии ҷуҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки ҳамасола дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор мегардад баррасӣ намудааст.

Муҳимияти ҳамаи гуфтаҳои болоро бо назар гирифта чунин меҳисобам, ки диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарвари растаниҳои кишоварзӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии **6D-КОА-64** дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон сазовор мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ** **Назиров Ҳ.Н.**

**Имзои Ҳ.Н. Назиров-ро тасдиқ менамоям:**
**Сармутахассис оид ба кадрҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ** **Пирова М.И.**